# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ**

Дар замони муосир баробари рушди бемайлони ҷомеа барои таъмини бонизоми таълиму тарбияи насли наврас масъалаи шахсиятсозӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, маҳз шахсияти комил арзишҳои умумиинсониро ҳамчун арзишҳои шахсии худ қабул карда, қобилият дорад, то рафтору фаъолияташро дар доираи меъёрҳои инсондӯстӣ танзим намояд. Аз ин ҷиҳат таҳқиқи иҷтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки давраи мусоиди он ба синни наврасӣ рост меояд, масъалаи мубрами илми психологӣ ба шумор меравад. Гуманизм чун арзиши муҳимми фарҳанги ҷаҳонӣ, муносибатҳои инсонгароёна чун ҷузъи таркибии муҳимтарини ҳаёту фаъолияти одамон ва пойдеври муносибатҳои иҷтимоии онҳо дар инкишофи ҳаматарафаи шахсияти худшиносу фаъол аҳаммияти калон дорад. Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ мебошад, боиси ба вуҷуд омадани муҳити мусоиди иҷтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, фарҳангӣ-психологӣ, маърифатӣ мегардад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсияи** унвонҷӯ дар он ифода мегардад, ки инсонгароиву инсондӯстӣ чун махсусиятҳои ба худ хоси шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта ва муҳимтарин таъсиргузории ӯ ба мусоидии муҳити иҷтимоӣ-психологӣ шуморида мешавад. Баробари торафт мураккаб гаштани вазъи сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ афзудани хавфу хатарҳои замони муосир арзишнокии истиқлолияти давлатӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ масъалаи муҳимтарин гашта, таҳқиқи роҳу усулҳои мусоид амри зарурӣ мебошад.

Мавзуи мавриди назар карордодашуда барои ҷомеаи Тоҷикистон махсусан мубрам арзёбӣ мегардад, зеро он бо мушкилоту муаммоҳои ҳалталаби инсонгароии муносибатҳои байнишахсӣ, муошират самаранок, таъмини босифати нақшҳои иҷтимоӣ, ташаккули пурарзиши шахсияти наврасон алоқаи зич дорад. Ҳалли муаммои мубрами таҳсилоти ватанӣ ва раванди гуманизатсияи он аз ҳисоби дар субъектҳои ҷараёни таълиму тарбия ташаккул додани чунин муносибатҳои байнишахсии дар худ сифатҳои ботамкинӣ, мустақилиятнокӣ, масъулиятшиносӣ, худшуурнокии фаъол, хайрхоҳӣ, некиву накӯкорӣ, таҳаммулпазириро ифодакунанда имконпазир мегардад. Иҷтимоишавии шахс дар раванди муносибати байниҳамдигарии наврасон баҳри такмил ёфтани гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсӣ ва арзишҳои олии инсонии шахсияти фаъолу хештаншинос ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Муҳиммияти таҳқиқоти Исмоилов Ш.Ғ. боз дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи иҷтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро бо истифодаи раҳёфтҳои байнифаннӣ амалӣ намуда, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти наврас муҳим арзёбӣ кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ ошкор ва шароитҳои психологии таъминкунандаи самаранокии ин механизм муайян карда шуданд. Дигар ин ки меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбандагии равияи гуманистии шахсияти наврас дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ муқаррар карда шудааст. Ба туфайли анҷом додани чунин пажуҳиш унвонҷӯ динамикаи инкишофи раванди мустақилиятро дар зери таъсири механизмҳои гуманизатсия муқаррар намудааст. Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи тренингии “Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ”-ро таҳия ва амалӣ кардааст, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ равона гардидааст. Дар қисмати таҷрибавии рисола барномаи болозикр татбиқ гардида, самаранокии он

озмуда шуда, натиҷаҳои бадастомада дар шакли ҷадвалу диаграммаҳои мушаххас нишон дода шудаанд, ки аз амиқии кори муаллиф дарак медиҳад.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсияи** тақризшаванда аз он иборат аст, ки бардоштҳои унвонҷӯ метавонад барои муайян ва асоснокунии масъалаи таҳқиқи гуманизатсия дар илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон, асоснокнамоии нақши пешбарандагии иҷтимоишавӣ чун омили худвоқеиятбахшӣ дар синин наврасӣ, муайян намудани механизмҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар асоси интегратсияи раҳёфтҳои гуногуни назариявӣ-методологӣ, ошкор кардани меъёрҳо ва роҳҳои рушди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон туфайли машғулиятҳои таълимӣ ва кори иҷтимоӣ-психологӣ доир ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат намуда, ҳамчунин барои ошкор шудани гиреҳи муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта кумак расонанд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар он аст, ки натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда, хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо дар такмили раванди таълим, дар озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳалли масъалаҳои инкишофи шахсияти наврас, машваратҳои оилавӣ ва марказҳои офиятбахшӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, барномаи инкишофдиҳандаи "Гуманизатсияи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ" метавонад дар байни омӯзгорон, волидайн ва наврасон ҳамчун воситаи таълимӣ ва амалӣ дар раванди ба роҳ мондани ҷанбаҳои бунёдии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди иҷтимоишавӣ ба таври васеъ истифода карда шавад.

Сохтори диссертатсия мутобиқ ба талаботи таълифи рисолаҳои зинаи номзадӣ тарҳрезӣ шуда, аз бахшҳои муқаддима, бобу фаслҳои назариявию амалӣ (ду боб), хулоса, феҳристи сарчашмаву осори таҳқиқӣ мураттаб гардида, аз он дарак медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таҳияи пажуҳишаш аз осори фаровони илмиву методӣ васеъ истифода бурдааст.

Дар қисмати муқаддима аз хусуси мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Ниҳоят, онҳо ба талаботи пешниҳодкардаи КОА, ки нисбат ба диссертатсияҳои риштаи илмҳои психологӣ дарҷ ёфтааст, риоя шудаанд.

Боби якуми диссертатсия "Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ" (саҳ.21-89) ном дошта, дар чор фасли ин боб унвонҷӯ пажуҳишҳои муҳаққиқонро дар хусуси масъалаи омӯзиши тарафҳои назариявӣ-методологии гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар педагогика ва психология мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин боб масъалаҳои ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика ва психология, иҷтимоишавӣ чун омили рушди худвоқеиятбахшии наврасон таҳлилу таҳқиқ ёфтааст.

Дар фасли нахуст соҳибрисола дараҷаи омӯхта шудани гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида, вобаста ба он пажуҳиши сарчашмаҳои муаммои гуманизм, паҳлуҳои иҷтимоӣ-педагогии он оварда шуда, маънои асосии гуманизатсия тавсиф гардидааст.

Дар фасли дуюм "Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология" муаммои фаҳмиши психологии гуманизм, моҳияти он чун механизми асосии рушди шахсӣ (иҷтимоишавӣ) ҳаллу фасл гардидааст.

Дар фасли сеюми ин боб муаллиф ба масъалаи "Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон" рӯ оварда, дар раванди

коркарди он таъкид кардааст, ки дар психология масъалаи шахсият аз ҷиҳати омӯзиш яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ мегардад ва дар тӯли таърихи инкишофи ин соҳаи илм борҳо эътироф гаштааст, ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи назарияи алоҳидаи психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Фасли охири ин боб омӯзиши иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвокеиятбахшӣ дар синни наврасиро дарбар гирифта, иҷтимоишавиро на танҳо ҳамчун раванд, балки боз натиҷаи таъсири мутақобилаи шахс ба маҷмӯи таъсиротҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳити муошират фарогир муайян карда шудааст.

Боби дуюм – "Таҳқиқи иҷтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ" (саҳ. 92-147) − дар чор фасл тарҳрезӣ шуда, дар фасли аввал асосноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ ва дар фасли дуюм корбурди методикаҳо ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар фасли сеюм кори иҷтимоӣ-психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ба роҳ монда шуда, дар фасли чорум таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ нишон дода шудааст. Аз муқоисаи чунин методикаҳо унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки қисми эмпирикии таҳқиқотро ба се марҳилаи бо ҳам алоқаманд тақсим кардан мумкин аст: 1) Муқарраркунанда; 2) Ташаккулдиҳанда; 3) Назоратӣ.

Диссертант тавассути истифодаи метод ва методикаҳои асосӣ, ба монанди "Методикаи худбахоҳии дараҷаи иддаои Швартсландер", "Методикаи таҳқиқи худбаҳодиҳии шахс" (Сергей Будасси), "Методикаи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ" (Тимоти Лири), "Методи ташхиси фаврии эмпатия" (И.М. Юсупов) дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатия дар наврасон, ки ҳангоми амалисозии тарзҳои гуногуни муносибатҳои байнишахсии онҳо ошкор мешаванд, муайян ва таҳлили муқоисавӣ кардааст.

Муаллифи диссертатсия ба хулосае омадааст, ки баҳри ташаккул додани гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон барномаи

“Гуманизатсияи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ”-ро истифода бурдан мақсаднок аст.

Хулоса ва тавсияҳои аз таҳлил бардоштаи диссертант инъикоскунандаи мазмуну мундариҷаи диссертатсия буда, дар асоси онҳо метавон китоби дарсӣ, луғати истилоҳотӣ, китобу дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ таълиф намуд.

Ҳамин тариқ, Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи мубрам таҳқиқот анҷом дода, як нуктаи мафҳумро дар илми психологияи муосир ошкор кардааст. Ҷиҳати ба хулосаи аниқ омадан, асарҳои зиёди муаллифони назарияҳои психологӣ-педагогиро мутолиа намуда, онҳоро бо ҳамдигар ба риштаи муқоиса кашидааст. Унвонҷӯ афкори гуманистиро чун маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиёт, ки дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад, баррасӣ намуда, мусоидати онро ба пайдоишу инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ нишон додааст. Ӯ ба амсилаи инсони комил, ки намояндагони психологияи гуманистӣ коркард намудаанд ва тибқи он инсони комил – ин шахсияти фаъол ва худфаъолкунанда, мустақил ва масъулиятшинос, қобил барои дарккунӣ ва амалисозии арзишҳо, пайдо кардани маънии ҳаёт мебошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи пажуҳишаш 16 мақоларо ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд ва дар онҳо нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсия комилан инъикос ёфтаанд.

Исмоилов Шокирҷон доир ба мавзуи диссертатсия дар 2 Ҳамоиши сатҳи байналмилалӣ (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) ва 7 конфронси сатҳи ҷумҳуриявӣ (Душанбе, Бохтар, Хуҷанд) маъруза кардааст.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия,

автореферат ва мақолаҳои илмии банашррасонидаи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муаллифи диссертатсия барои анҷом додани пажуҳиши мазкур заҳмати зиёд кашида, осори бисёри илмиро ба забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ мутолиа намудааст. Мазмуну мундариҷаи онҳоро бо ҳамдигар муқоиса карда, бурду бохташонро нишон додааст ва дар мавридҳои зарурӣ бо онҳо ба баҳс ворид шудааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ, содаву фаҳмо ва ифоданок иншо гардидааст, вале дар радифи муваффақиятҳои зиёд дар рисола бархе нуқсонҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти ояндаи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисола баъзе калимаҳои ғайримаъмул ба мисли худтаҳрикдиҳӣ... (саҳ. 38); нуқтаҳои заиф... (саҳ. 130); «инсони фоҷиавӣ»... (саҳ. 72); «табъизшуда»... / «табъиз»-и ташхисшуда... (саҳ. 41); ваҷд (экстаз)... (саҳ. 47) ва ғ. истифода шудаанд.

2. Унвонҷӯ дар боби якуми рисолааш, дар баъзе маврид ба таҳлили назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ пардохтааст, ҳол он ки диссертант метавонист аз сарчашмаҳои тоҷикӣ ҳаддалимкон фаровонтар истифода намояд (саҳ. 43, 64).

3. Дар баъзе маврид ду навъи истилоҳот ба мисли «коммуникатсия» ва дар ҷойи дигар «мубодилаи ахбор» истифода шудааст. Ба назари мо, корбурди ягонаи айни як истилоҳ дар рисола беҳтар буд (саҳ. 7, 129).

4. Дар диссертатсия (с.28, 50) ва шакли тоҷикиву русии автореферати он (саҳ. 17, 46) баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши умумии диссертатсия таъсир намекунанд ва дар оянда-ҳангоми нашри монография ба эътибор гирифтани онҳо боиси афзун шудани ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии аз рӯйи мавзуи диссертатсия интишоргардида ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович “Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ” ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ сазовор аст.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ,
профессор, мудири кафедраи
психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро Назаров А.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Бухоро, кӯчаи М. Иқбол 11;
E-mail: akmal_uzman@mail.ru
(+99893) 686-88-58

Имзои доктори илмҳои психологӣ,
профессор А.М. Назаровро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бухоро Файзиева У.А.

30. 01. 2025